«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, генерал-майори милитсия
____________ Шарифзода Ф.Р.
“22” 11 ______2023 с.

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – “Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида шудааст. Муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори ҳокимияти давлатӣ, инчунин таъмини салоҳияту ваколатҳои онҳо аз сатҳи ташкили дурусти хизмати давлатӣ ва танзими ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар онҳо вобаста аст. Бинобар ин, ташаккули низоми хизмати давлатии касбӣ, ки барои самаранок ба амал баровардани функсия ва вазифаҳои давлат равона карда шудааст, яке аз тадбирҳои асосии бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд ба шумор меравад. Барои он ки дар кишвар хизмати давлатӣ ба талаботи имрӯзаи ҷомеа ҷавоб дода тавонад, таҳия ва татбиқи тадбирҳои пайдарпай ва мувофиқашуда, аз ҷумла қабули санадҳои алоҳида ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда зарур аст. Мувофиқан, дар натиҷаи ислоҳоти низоми идораи давлатӣ ва қонунгузорӣ дар кишвар падидаи хизмати давлатӣ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо тариқи райъпурсии умумихалқӣ соли 1994 қабул шуд, зуҳур намуд. Минбаъд тартиби ташкил ва адои он бо қонуни соҳавӣ дар аввал соли 1998 ва минбаъд

соли 2007 танзим карда шуд. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" дар Тоҷикистон се намуди хизмати давлатӣ эътироф карда шудааст, ки инҳо хизмати давлатии шаҳрвандӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳарбӣ мебошанд.

Яке аз мақомоти давлатие, ки хизмати давлатӣ дар он ба ин низом шомил мегардад, ин мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Қайд намудан ба маврид аст, ки дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи шаклҳои хизмати давлатӣ вуҷуд доранд, аммо хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар он нуфузи бештаре дорад, зеро ба самти фаъолият ва таъйиноти асосии мақомоти мазкур алоқаманд буда, кормандони прокурории мақомоти мазкур хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ эътироф карда мешаванд. Вале новобаста аз ин, оид ба мавқеи хизмат дар мақомоти мазкур дар низоми хизмати давлатӣ баҳсҳо ҷой доранд. Аз ин рӯ, бо мақсади муайян намудани мафҳум, хусусият ва ҷойи хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми хизмати давлатии кишвар, танзими ҳуқуқии адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти номбурда ва таҳқиқи масъалаи вазъи хизматчии давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арёбӣ мегардад. Бинобар ин, мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ аз нигоҳи илмию амалӣ мубрам буда, таҳқиқи он ба ҳалли як қатор масоили вобаста ба танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷухмурии Тоҷикистон ҷойдошта метавонад мусоидат намояд.

Мавзуи мазкур тавре, ки аз диссертатсия ва автореферати он бармеояд, дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи "Танзими ҳуқуқӣ ва рушди низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" омода карда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода М.С. аз муқаддима, ду боб ва ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқот иборат буда, пайдарҳамии мантиқӣ дар он риоя гардида, ҳаҷми умумии рисола 249 саҳифаро дар бар мегирад.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертант дар натиҷаи таҳқиқот дар ҳалли як зумра масъалаҳои илмие, ки марбут ба танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ба комёб гардида, мушкилотҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонанд саҳми муайяне гузоранд:

а) яке аз самтҳое, ки муаллиф дар таҳқиқи он ба муваффақият ноил гардидааст, ин муайян намудани ташакулёбии хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давраҳои он мебошад. Вобаста ба ин, муаллиф қайд менамояд, ки хизмати давлатӣ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи таърихан ташакулёфта мебошад. Зеро баробари таъсис ёфтани мақомоти прокуратура дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза хизмат дар он намудаи махсуси хизмати давлатӣ буд. Дар баробари ин, марҳилаҳои асосии ташакулёбии хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратураро ба 5 марҳила тақсимбандӣ намуда, ҳар яки онро асоснок намудааст, ки инҳо мебошанд:

– марҳилаи якум, қабл аз таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон, яъне дар ҶХШ Бухоро солҳои 1922-1924 (махсусан Бухорои шарқӣ);

– марҳилаи дуюм, баъди таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон то таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон солҳои 1924-1929;

– марҳилаи сеюм, дар ҶШС Тоҷикистон солҳои 1929-1991;

– марҳилаи чорум, дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз соли 1991 то инҷониб.

б) самти дигаре, ки муаллиф дар таҳқиқи он комёб гардидааст, ин муайян намудани ҷой ва мавқеи хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки он ба шохаҳои ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ алоқаманд набуда, намуди махсуси хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Дар таҷзияи ҳокимияти давлатӣ бошад, низоми алоҳидаи мақомоти давлатиеро нишон медиҳад, ки дорои мақсад, функсия, вазифа, таъинот ва сохтори ташкилии худ мебошад. Инчунин, ҷой ва мавқеи хоси хизмат дар мақомоти прокуратура дар он ифода меёбад, ки унсури низоми боздорӣ ва мувозина на танҳо шохаҳои алоҳидаи ҳокимиятро аз амалҳои ғайриқонунӣ ва беасос боз медорад, инчунин ҳамкориҳои онҳоро ба мақсади таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон таъмин менамояд (саҳ.64). Бинобар ин, натиҷаи таҳқиқот асоснок буда, ҷанбаҳои гуногуни хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқро дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад.

в) самти дигаре, ки муаллиф дар таҳқиқи он муваффақ гардидааст, ин муайян намудани мафҳуми хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муаллиф иброз менамояд, ки мафҳуми хизмат дар мақомоти прокуратура дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” муқаррар нагардидааст. Мафҳуме, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” оид ба хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дода шудааст, ба пуррагӣ мазмун ва моҳияти хизмат дар мақомоти прокуратураро ифода карда наметавонад (саҳ. 76-77). Муаллиф қайд менамояд, ки

масъали мазкур аҳаммияти муҳимми амалӣ ва назариявӣ дорад. Зеро, дуруст муайян кардани мафҳуми хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзими ҳуқуқии он мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, таклиф ва хулосаҳои муаллиф вобаста ба ин масъала мубрам арзёбӣ мегарданд.

г) қайд намудан ба маврид аст, ки муаллиф на танҳо дар қисмати асосҳои назариявӣ ва ташкилии танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар самти мазмун ва моҳияти хизматчии давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти ва муайян намудани вазъи ҳуқуқии ӯ муваффақ гардида, барои такмили минбаъдаи қонунгузорӣ таклифҳои асосноки худро пешниҳод намудааст.

Дар ин қисмат метавон хулоса намуд, ки муҳаққиқ дар ҳалли маъалаҳои илмии марбут ба мафҳум, хусусият, мавқеи ҳуқуқӣ ва дигар ҷанбаҳои танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон муваффақ гардида, нуктаҳои илмиеро манзур намудааст, ки воқеан асоснок ва таҳкимбахшандаи илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ мазкур аввалин рисолаи мукаммал оид ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо назардошти ислоҳоти хизмати давлатӣ, қонунгузории миллӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи давлатҳои алоҳида омода гардидааст. Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода М.С. дар он ифода мегардад, ки дар таҳқиқот мафҳумҳои илмие пешниҳод карда шудаанд, ки метавонанд дар рушди ҳуқуқи маъмурии ватанӣ ҳамчун сарчашма мусоидат намоянд. Ҳамзамон, навгониҳои дар таҳқиқот пешниҳодгардида ҷанбаи амалӣ низ дошта, метавонанд дар рушди қонунгузории кишвар ва фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муассир бозанд.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар диссертатсияи Раҷабзода М.С. манзур гардидаанд, метавонанд дар ташаккули қонунгузории кишвар, муайян намудани мавқеи хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми хизмати давлатӣ, такмили шаклҳои такшилӣ-ҳуқуқӣ ва адои хизмати давлатӣ мусоидат намоянд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо дар таълими фанҳои “Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Назорати прокурорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Ҳуқуқи конститутсионии

Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ҳамзамон, диссертатсияро ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ дар донишгоҳҳои олии касбӣ ва курсҳои такмили ихтисос метавон ба роҳ монд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои қаблӣ чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ишора намудан мумкин аст, ки барои онҳо ба довталаб метавонад дараҷаи илмӣ дода шавад:

1. Таҳқиқбаранда дар нуктаи дуюми илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда хусусиятҳои фарққунандаи хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод менамояд, ки ҳамчун навгонии илмӣ маҳсуб меёбад. Тибқи он: а) фаъолияти касбӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад; б) музднок мебошад; в) ба таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ нигаронида шудааст; г) тавассути назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Хусусиятҳои мазкур ҳамчун асоси фарққунандаи хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ бо дигар намудҳои хизмати давлатӣ буда, онро метавон ҳамгоми омӯзиши илми ҳуқуқи маъмурӣ ва тадриси назорати прокурорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намуд. Зеро яке аз масъалаҳои муҳимме ба ҳисоб меравад, ки ҳам аҳаммияти назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад.

2. Таҳқиқбаранда дар нуктаи чоруми илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда мафҳуми зерини рутбаи дараҷавии корманди прокурорӣ пешниҳод намудааст: “Рутбаи дараҷавии корманди прокурорӣ – рутбаи махсуси хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аз ҷониби мақоми олии қонунгузор муайян ва дар асоси расмиёти маъмурие, ки бо фармони дахлдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, бо тавсифномаи мусбат, вазифаи ишғолкарда, муҳлати қарор доштан дар рутба ва собиқаи корӣ ба таври мураттаб дода мешавад”. Мафҳуми мазкур яке аз навгониҳо ва дастовардҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад. Зеро, дар илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ мафҳуми рутбаи дараҷавии корманди прокурорӣ, ки ҳамаи ҷанбаҳои онро дар бар гиранд, то имрӯз пешниҳод нагардидааст. Аз ин рӯ, навгонии мазкурро ҳамчун маводи илмӣ метавон ба муҳаққиқон ва пажуҳишгарон барои навиштани рисолаҳои илмӣ тавсия намуд.

3. Дар тавсияи амалии якум, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, муаллиф бо мақсади ҷалби мутахассисони дараҷаи баланд ва дақиқ намудани талабот барои қабул шудан ба хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд, ки қисми 1 моддаи 53 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба ҷои калимаҳои “доштани таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ” калимаҳои “доштани таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ бо тахасусуси мутахассис

ё дараҷаи магистр бо доштани дипломи дараҷаи бакалавр аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ” илова карда шавад. Воқеан, пешниҳод мазкур саривақтӣ ва асоснок мебошад. Танҳо таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ доштан ба шахсоне, ки ҳуҷҷати шакли муқарраршудаи тахассуси бакалавр ё магистр ва ё мутахассисро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ доранд, имкон медиҳад, ки барои ишғоли мансабҳои прокурорӣ муроҷиат намоянд. Бинобар ин, таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ бо тахассуси бакалавр зинаи аввали он буда, барои таъйин ба мансабҳои прокурорӣ ва муфаттиши мақомоти прокуратура нокифоя мебошад, ё танҳо таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ бо тахассуси магистр, ки риштаи ҳуқуқшиносиро дар дараҷаи бакалавр хатм накардааст, низ нокифоя мебошад. Пешниҳоди мазкур барои ба баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва салоҳиятнокии кормандони прокурорӣ мусоидат менамояд.

4. Дар тавсияи амалии панҷум, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, муаллиф бо мақсади пешгирии қабули шахсони тасодуфӣ ва сатҳи пасти касбӣ ба хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд, ки “меъёри дар Қоидаҳои тартиби дохилии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда оид ба тариқи озмун ба кор ба мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуданро ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ворид карда, дар он муқаррар карда шавад, ки низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад” Пешниҳоди мазкур шоистаи дастгирист, зеро яке аз технологияи кадрии интихоби дурусти кадрҳо ин озмун мебошад, ки дар қабул намудан ва таъини кадрҳои баландихтисос ва соҳибкасб мусоидат менамояд. Вале интихоби шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва танзими ҳуқуқии раванди озмун хело муҳим ба назар мерасад. Аз ин рӯ, дар қонунгузорӣ муқаррар намудани пешниҳоди мазкур метавонад дар самти ислоҳоти хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ таъсири амиқ расонад.

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо дарназардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, лоиқ ба дорандаи илмии дархостшаванда мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зайл метавон иброз намуд:

1. Муаллифи таҳқиқоти илмӣ дар тавсияи амалии чорум, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, таклиф намудааст, ки: “дар номи м. 54 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва номи Низомнома “Дар бораи

тартиби додани рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти ПРОКУРАТУРАИ Ҷумҳурии Тоҷикистон" калимаи "кормандони" ба калимаҳои "кормандони прокурории" иваз карда шавад". Аз диссертант пурсида мешавад, ки чаро ба ҷои калимаҳои "кормандони прокурорӣ" калимаҳои "хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомот" не, ҳоло он ки онҳо ҳамчун шахсони фаъолияти касбии ҳифзи ҳуқуқидошта, хизматчиёни давлатӣ мебошанд.

2. Муҳаққиқ дар тавсияи амалии ҳаштум ба ҳимоя пешниҳодгардида таклиф менамояд, ки: "дар банди 9 Низомномаи "Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" пас аз калимаҳои "кормандони таҷрибадори прокуратура" калимаҳои "коршиносон ва равоншиносон" илова карда шавад". Аз ин рӯ, мехостем донем, ки чаро собиқадорони мақомот, ки дар муайян намудани қобилияти касбии кормандон аз рӯйи таҷрибаи худ метавонанд ба кори комиссияи аттестатсионӣ хуб мусоидат намоянд, ворид намудани онҳоро ба комиссияи аттестатсионӣ пешниҳод накардааст?

3. Диссертант дар зербоби дуюми боби якум мафҳуми хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуда, дар як вақт пешниҳод намудааст, ки он дар моддаи 2 Қонуни конститутсионии мазкур бошад, мафҳумҳои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон илова карда шаванд. Вале онҳо ҷанбаи назариявӣ дошта, шояд на дар ҳама ҳолат зарурияти дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" мустаҳкам намудани онҳо қобили қабул бошад. Аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки мавқеи худро оид ба ин масъала баён намояд.

4. Муаллифи диссертатсия оид ба ҳолатҳои қатъ гардидани фаъолияти хизматии кормандони мақомоти прокуратура ҳарф зада, ба истеъфо баромаданро тавре нишон додаст, ки гӯё чунин ҳуқуқ ба ҳамаи кормандони мақомот алоқаманд бошад (саҳ. 134). Аммо ба истеъфо баромадан мувофиқи Қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ» танҳо ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ тааллуқ дорад. Бинобар ин, ҷумла дар ин бахши таҳқиқот шарҳи мазмунан дурустро талаб менамояд.

Аммо, эродҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Раҷабзода М.С. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҳамзамон мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 10 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 2, аз 20 ноябри соли 2023.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Вализода Наврӯз Дустмурод – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ), сардори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъкурии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурӣ муҳокима ва ҷонибдорӣ гардидааст. Дар маҷлис иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 10 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №2, аз 20 ноябри соли 2023.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Муовини сардори факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н.и.ҳ., полковники милитсия Шарифзода С.Ш.

**Ташхисгар:**
Сардори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ

ва фаъолияти маъмурии факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н.и.ҳ., майори милитсия Ализода Н.Д.

**Котиби ҷаласа:**
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ
ва фаъолияти маъмурии факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Нуриддинзода С.Н.

Имзои раис, ташхисгар ва
котиби ҷаласаро тасдиқ мекунам:
муовини сардори Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон
оиди кор бо ҳайати шахсӣ,
полковники милитсия Шарифзода М.С.

«22» 11 2023 с.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734024, кучаи Мастонгулов 3. Телефон: +992 37 226-60-43. E-mail: avkdtj@mail.ru. www.avkd.tj.